**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович доир ба мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Диссертатсияи номзадии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мубрамияти мавзӯи мазкур аз ҷониби муаллиф пурра ва дуруст асоснок карда шудааст. Чунонки аз муқаррароти автореферати диссертатсия бармеояд, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаи танзими шартномавии таъмини барқ дар замони соҳибистиқлолии кишварамон ба шумор меравад.

Дар автореферати диссертатсия мақсади он ба таври возеҳ баён гардидааст. Вазифаҳои дар назди таҳқиқоти мазкур гузошташуда ба таври нисбатан комил иҷро гардиданд (саҳ. 6 – 7).

Таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсия собит менамояд, ки муаллиф масъалаҳои муҳимми вобаста ба мавзӯи танзими шартномавии таъмини барқро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст, ки шаҳодати бонизом ва ба таври комплексӣ баанҷом расонидани таҳқиқоти мавзӯи мазкур мебошад. Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида (аз ҷумла пешниҳоди 7, саҳ. 10) муҳим ва зарурӣ, инчунин аз лиҳози илмӣ асоснокгардида буда, ҷавобгӯи талаботи иштироки тарафҳои шартномаи таъмини барқ дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошанд ва ба инкишофи чунин муносибатҳо низ минбаъд мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсионии бадастовардаи муаллиф аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дошта, минбаъд дар раванди тадриси фанҳои таълимӣ, пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ, такмили қонунгузории гражданӣ ва энергетикӣ, инчунин таҷрибаи фаъолияти мақоми вакоалтдори давлатӣ ва ташкилоти таъминкунандаи барқ, инчунин баррасии парвандаҳои гражданӣ дар мақомоти судӣ бо иштироки тарафҳои шартномаи таъмини барқ аз манфиат холӣ намебошад.

Дар маҷмуъ муаллиф дар автореферати диссертатсия ба масъалаҳои муҳимми омода намудани автореферат, хусусан андешаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, маълумот дар бораи муассисае, ки диссертатсия он ҷо ба иҷро расидааст, маълумот дар бораи муқарризон ва муассисаи тақриздиҳанда, роҳбари илмӣ, феҳристи асарҳои чопшудаи муаллифи диссертатсия ва дигар масъалаҳои муҳимми марбут ба омода намудани автореферат таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки шаҳодати ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ будани мазмун ва муқаррароти автореферати диссертатсия мебошад (банди 39, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони  илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст).

Дар таҳқиқоти мазкур ба назари мо чунин хулоса ва пешниҳодҳои баёнгардида баҳснок менамоянд, ки нисбати онҳо ибрози назар намудани муаллиф муҳим мебошад:

1. Муаллиф дар пешниҳоди 7 (саҳифаи 10 автореферати диссертатсия) қайд менамояд, ки «дар қисми 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шабеҳи шартномаҳои хариду фурӯши ашёҳои ғайриманқул, корхона, тухфа, иҷора, пудрат ва ғайра, шакли хаттии оддии бастани шартномаи таъмини барқ муқаррар карда шавад». Аммо аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар амалияи истифодаи нерӯи барқ шакли хаттии оддии бастани шартномаи таъмини барқ то кадом андоза аз ҷониби тарафҳои шартномаи мазкур риоя мегардад?

2. Дар заминаи меъёрии автореферат (саҳ. 8) муаллиф ишора намудааст, ки санадҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, Судҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва И. Сомонии шаҳри Душанберо барои таҳқиқи амалияи мавҷуда ҳамчун замина истифода намудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур пурсида мешавад, ки муаллиф бештар ба кадом масъалаи баррасии парвандаҳои судӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст?

Бо вуҷуди эродҳои болозикр дар маҷмуъ мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев С.А. кори илмии мустақилона, баанҷомрасида, аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Таклифу пешниҳодҳо, инчунин хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳимми илмию амалӣ доранд. Дар маҷмуъ, автореферати мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони  илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ** **Маҳмадшозода Ф.А.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 13.Тел.: (+992 237) 227-47-71, 227-42-43. E-mail: info@mmk.tj http//www.mmk.tj.**

**«Имзои Маҳмадшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафаров К.**